МИЗИ МУДАВВАР БАХШИДА БА РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАҲТИ УНВОНИ «ПРЕЗИДЕНТ – КАФИЛИ БОЭЪТИМОДИ РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 16 November, 2020 - 11:31

Имрӯз 16-уми ноябри соли 2020, соати 09:00 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи «Президент – кафили боэътимоди рушди забон» бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он раиси Кумита, узви ҳайати мушовараи Кумита, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, муовини раиси

Кумита, сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва кормандони Кумита иштирок намуданд.
Дар оғоз раиси Кумита тамоми иштирокдоронро ба мизи мудаввар хайрамақдам гуфта, оид ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯзаи худро ироа намуданд.
Мусаллам аст, ки Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи давлатдории навини мо, дар даврони Истиқлол, Иҷлосияи тақдирсоз ва наҷотбахши миллат ба шумор меравад. Он кишвари моро аз парокандагӣ, аз вартаи ҳалокат ворахонд ва муҳимтар аз ҳама, Иҷлосияи таърихӣ ҷавонмарди хирадманду ҷасур ва халқпарасту ватандӯст- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба арсаи сиёсат овард.
Дар шахсияти ин марди диловар миллат сарвари шоистаи худро ёфт ва ба марҳилаи бунёдкориву созандагӣ ворид гашт. Имрӯз мардуми саодатманд ва сарбаланди тоҷик бо ифтихор ва арҷгузорӣ ба корнамоиҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16-уми ноябрро ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил менамояд.
Баробари Истиқлол ба даст овардани Тоҷикистони азиз Худованд ба халқи мо роҳбареро насиб гардонид, ки бо кирдору амалҳои некаш тавонист мардуми парешонро муттаҳид, дар кишвар сулҳу ваҳдатро пойдор ва ба ҷанги бемантиқ хотима диҳад. Дар натиҷаи заҳмату талошҳои Сарвари давлат дар тӯли солҳои гузашта тамоми рукнҳои давлатдорӣ барқарор шуда, сулҳ ва ваҳдати комили миллӣ пойдор, рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ таъмин, худшиносиву худогоҳӣ таҳким, ҳисси ватандӯстии тамоми табақаҳои ҷомеа афзуд. Ба ҳамаи ин дастовардҳои беназир мо тавассути роҳбарии оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва хиради халқи сулҳпарвар, меҳнатдӯсту соҳибмаърифатамон ноил шудем.
Баъдан дар идомаи мизи мудаввар узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Султонов Мирзоҳасан, узви ҳайати мушовараи Кумита – Назарзода С., сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ – Маҳмадҷонова М., муовини раиси Кумита – Раҳматуллозода С., сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ – Буриева Ш., сармутахассиси шуъбаи танзими истилоҳот – Фарҳодова С. ва корманди шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ – Мансурӣ Ш. маърӯзаҳои худро қироат намуданд.
Дар охир суҳбати озод сурат гирифта, саволҳои муҳим баррасӣ шуданд.
Мизи мудавварро дар мавзӯи «Президент – кафили боэътимоди рушди забон» бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Кумита, доктори илми филология – Муҳаммадҷонзода Олимҷон ҷамъбаст карда, ба ҳамаи ҳозирин ва дар маҷмуъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу салоҳ ва оромиву осудагиро орзу кард.
Шунидани суруди миллӣ анҷомбахши мизи мудаввар гардид.

Content rating: 3

Average: 3 (2 votes)

Rate

Category:

- Ахбори рӯз [1]
- Конференсияҳо [2]

•

•

•

•

•

•

•

•

•

Source URL:http://kumitaizabon.tj/en/content/mizi-mudavvar-bahshida-ba-ruzi-prezidenti-chumkhurii-tochikiston-takhti-unvoni-prezident?page=1

Links
[1] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/30 [3] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20201116_093544.jpg [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20201116_092055.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20201116_092124.jpg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20201116_092227.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20201116_092432.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20201116_092620.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20201116_093829.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20201116_093854.jpg [11] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20201116_093915.jpg